ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ
АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ “МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ
ТАЪЛИМИЮ КЛИНИКИИ ТИББИ ОИЛАВӢ”

# МАҶМӮИ ҲУҶҶАТҲОИ ДАСТУРИ ОИДИ ВОРИД ВА ИДОРА НАМУДАНИ РАВАНДИ БИЗНЕС НАҚШАГИРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ КӮМАКИ АВВАЛИЯИ ТИББИЮ САНИТАРӢ (КАТС) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДУШАНБЕ - 2017

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, к.Шевченко 69, тел.: (992 37) 2 21 18 35, факс: (992 37) 2 21 75 25

**ФАРМОИШ**

аз «23» 08 с. 2017, № 881 ш. Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани маҷмӯи ҳуҷҷатҳо
оиди ворид ва идора намудани раванди
бизнеснақшагирӣ дар муассисаҳои
кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ

Бо мақсади батанзимдарории ҳуҷҷатнигории раванди татбиқи механизми бизнеснақшагирӣ дар доираи амалисозии "Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020", «Нақшаи стратегии рушди кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ аз рӯи принсипи тибби оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2014, №243 "Оид ба воридсозии Барномаи бизнеснақшагирӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии шаҳру ноҳияҳо" мутобиқи банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ гардидааст,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳо оид ба ворид ва идора намудани раванди бизнеснақшагирӣ дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ("Бизнеснақшагирӣ дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Мониторинги бизнеснақшагирӣ дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ", "Бизнеснақшаи муттаҳидгардонида дар сатҳи МСН") тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1,2,3).
2. Ба сардори Раёсатиислоҳот, кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ва робитаҳои байналмилалии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Махмудзода И.С.) супориш дода шавад, ки барои ҳамоҳанг намудани раванди амалигардонии тамоми чорабиниҳои амалӣ оид ба татбиқ намудани фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2014, №243 "Оид ба воридсозии Барномаи бизнеснақшагирӣ дар сатҳи шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии

шаҳру ноҳияҳо" истифодаи ҳатмии маҷмӯи ҳуҷҷатҳо оид ба бизнеснақшагириро таъмин намояд.

3. Ба директори Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ" (Бандаев И.С.) супориш дода шавад, ки тамоми муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо маҷмӯи ҳуҷҷатҳои мазкур таъмин намояд.
4. Ба инобат гирифта шавад, ки хароҷотҳо вобаста ба чорабиниҳои мазкур аз тарафи намояндагиҳои "Лоиҳаи "Сино - марҳилаи баромад" ва Хадамоти тандурустии Оғохон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт карда мешаванд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Одиназода А.А. гузошта шавад.

Вазир Н. Олимзода

БАРОИ ФАРМОНҲО ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ

Замимаи 1
ба фармони Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «_23_» _08_ соли 2017. №_681_

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ "МАРКАЗИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАЪЛИМИЮ КЛИНИКИИ ТИББИ ОИЛАВӢ"**

Дастури методӣ

# Бизнеснақшагирӣ дар муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарии (КАТС) Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қисми I

**Душанбе -2017.**

Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ” миннатдории худро ба Лоиҳаи Сино барои пешниҳод намудани тамоми ҳуҷҷатҳо оид ба бизнес нақшагирӣ баён менамояд.

Мураттибон:

| | |
|---|---|
| Юсуфӣ С.Ҷ. - | д.и.ф., профессор, академики АИТ сардори Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| Бандаев И.С. - | д.и.т., директори МД «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» |
| Ҷонова Б.Ю. - | н.и.т., мудири Шӯъбаи бизнеснақшагирӣ ва таҳлили рушди тибби оилавӣ МД «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» |
| Искандарова З.И. - | сармутахассиси Шӯъбаи бизнеснақшагирӣ ва таҳлили рушди тибби оилавӣ МД «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» |

Муқаддима

Дар давоми 20 соли охир дар кишвари мо рушди кӯмаки аввалияи тиббию саиитарӣ ба аҳолӣ аз рӯи принсипи тибби оилавӣ самаранок ворид гардида истодааст. Дар Қодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2017 сол) чунин зикр шудааст, ки тибби оилавӣ ин самти афзалиятноки рушди кӯмаки аввалияи тиббию саиитарӣ ҷиҳати расонидани ёрии бисёрсоҳавии аввалиндараҷа ба аҳолӣ аз ҷониби мутахассисони тибби оилавӣ бо мақсади пешгирӣ ва табобати бемориҳо дар ҳолатҳои таъхирнопазир мебошад. Принсипҳои асосии фаъолияти мутахассисони тибби оилавӣ ин расонидани маҷмӯи хизматрасонии тиббию саиитарӣ ба аҳолӣ, дастрасӣ, ҳамбастагӣ, ягонагӣ, эътимоднокӣ ва фарогирии тамоми оила бо кӯмаки тиббию иҷтимоӣ мебошад, ки барои кишвари мо басо муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Ҳадафи аслии ин консепсия аз дастрас гаштани хизматрасониҳои устувори тандурустӣ ба доираи комилан васеътари аҳолӣ, махсусан ба гурӯҳҳои осебпазири онҳо ва ба таври умум, самараноктар гаштани тамоми ҷараён иборат мебошад.

Таҷрибаи аввалини воридсозии бизнеснақшагирӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2005 оғоз гардидааст. Тибқи фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба воридсозии Барномаи бизнес-нақшагирӣ дар муассисаҳои КАТС-и ноҳияҳо» (аз 28 апрели соли 2014, №243) бизнеснақшагирӣ дар айни замон аллакай дар муассисаҳои КАТС-и 20 ноҳияи ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҷорӣ намудани консепсияи бизнес нақшагирӣ ҳамчун маводи идоракунӣ дар чорчӯбаи ислоҳоти соҳаи тандурустӣ пешбинӣ шудааст ва он барои боз ҳам самараноктар гардонидани маҷмӯи хизматрасониҳо дар сатҳи КАТС ва идоракунии муассисаҳо мусоидат менамояд.

Ҳадафҳои асосии бизнес нақшагирӣ инҳоянд:

- дар маҷмӯъ беҳтар намудани раванди идоракунии муассисаҳои КАТС, инчунин дигаргуниҳое, ки дар ҷараёни ислоҳоти соҳаи тандурустӣ гузаронида мешаванд (масалан, татбиқи «Барномаи кафолатҳои давлатӣ», «маблаггузории сарикасӣ дар сатҳи КАТС» ва гайра);
- баланд бардоштани сифати ҳизматрасониҳои тиббӣ дар сатҳи КАТС;
- баланд бардоштани шаффофият дар сатҳи КАТС (тартиб);
- баланд бардоштани сатҳи иттилоотнокӣ оид ба истифодаи захираҳо;
- баланд бардоштани манбаи иттилоотии муассисаҳо ва ба ин васила, баланд бардоштани қонеъгардонии эҳтиёҷоти аҳолӣ;
- пешниҳод намудани маълумот барои ҳисобкунии буҷети маблаггузории сарикасӣ ва ё барои аз сари нав тақсим намудани маблагҳо;
- ба муассисаҳо додани мустақилияти бештар дар раванди таҳия намудани буҷет ва муайян намудани самтҳои афзалиятнок;
- ҷорӣ намудани ҷузъҳои иловагии мониторинг.

Сохтори бизнес нақшагирӣ

Бизнес нақшаҳо бояд дуруст дар асоси таҳлилҳои натиҷаҳои соли сипаригардида бо назардошти афзалиятҳои мавҷуда таҳия карда шуда, дар давоми сол мунтазам мавриди мониторинги доимӣ қарор дода шавад. Дар баробари ин, тамоми қисматҳои бизне снақша (банақшагирӣ, ҳадафҳо, мониторинг, таҳлил) ба якдигар алоқаманд мебошанд ва аз ин лиҳоз лозим меояд, ки бизнес нақшаро ба таври ҳуҷҷати ягона, ки аз фаслҳои мухталиф иборат мебошад, ҳисобида шавад.

Бизнес нақша дар сатҳи муассисаҳо таҳия карда мешавад ва як Маркази саломатии деҳот (МСД) ва ҳамчунин бунгоҳҳои саломатии (БС) тобеи он, нақшаи худро таҳия менамоянд, ки он давраи як солро фаро мегирад. Баъдан менеҷери шабакаи муассисаҳои КАТС бизнес нақшаи муттаҳидкардашударо таҳия менамояд, ки он маълумотҳои тамоми бизнес нақшаҳои муассисаҳоро дарбар мегирад.

Бизнес нақша аз чор иқдомҳои асосӣ иборат мебошад ва афзалиятҳои асосиеро инъикос менамояд, ки аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шудаанд.

Ҳолати вазъият ва банақшагирӣ

Қисмати мазкур ба роҳбарони шабакаи муассисаҳои КАТС аз як тараф маълумотҳоро оид ба аҳолии мавриди хизматрасонӣ қарордошта ва аз тарафи дигар оид ба захираҳои дар давоми сол дастрасшаванда, тавзеҳоти ҳамаҷонибаи мухтасар манзур менамояд.

Ҳадафҳо ва фаъолиятҳо

Ҳадафҳо ва фаъолиятҳо барои дар давоми сол идора намудани масъалаҳои афзалиятноки муассиса мусоидат менамояд. Ҳадафҳо бояд ду соҳаи асосиро дар бар гиранд: «Дастрасӣ ва амалӣ намудани хизматрасониҳо» ва «Сифат ва сатҳи иттилоотнокӣ оид ба хизматрасониҳо".

Мониторинги раванди фаъолият

Мониторинги раванди фаъолият мутобиқи индикаторҳои асосӣ ва дар асоси иҷроиши буҷет гузаронида мешавад. Ин қисмат бевосита барои роҳбарони шабакаи муассисаҳои КАТС пешбинӣ шудааст, ки натиҷаҳои фаъолиятро дар соли ҷорӣ, яъне дастовард ва мушкилиҳои мавҷударо таҷассум менамояд.

Таҳлил

Дар охири сол ба роҳбарони муассисаҳо лозим меояд, ки муваффақиятҳои дар давоми сол дастрасшударо таҳлилу арзёбӣ, мушкилиҳои мавҷуда ва таҷрибаи бадастовардашударо ҷамъбаст намуда, хулосаҳои лозима бароранд.

Давраи бизнес нақшагирӣ бояд аз моҳи декабри соли сипаришаванда огоз ёбад ва қисматҳои «Вазъияти воқеӣ ва банақшагирӣ» ва «Ҳадаф ва амалиётҳо»-и бизнес нақшагирӣ бояд то охири моҳи январи соли ҷорӣ таҳия карда шаванд. Бояд қайд намуд, ки мониторинг бояд ҷараёни ҷамъоварии маълумотҳои ҷориро дар давоми сол, яъне аз моҳи январ то охири декабри соле, ки бизнес нақша амалӣ мешавад,

фаро гирад. Ғайр аз ин, ба роҳбарони муассисаҳо лозим меояд, ки моҳи декабр тафсири бизнес нақшаро гузаронанд ва натиҷаҳои онро таҳлил намоянд. Пас аз оғоз гардидани ҷараёни бизнес нақша, он дар давоми сол амалӣ мегардад ва дар ин ҳолат гузаронидани таҳлилҳо имконпазир мешавад ва натиҷаҳои он барои коркарди бизнес нақшаи соли оянда замина мегузорад.




## Ҳолати воқеӣ ва банақшагирӣ

### Аҳолӣ

Маълумотҳо оид ба миқдору синну сол ва ҷинси (мард (м), зан (з) аҳолӣ аз ҷониби муассиса муайян ва ба ҷадвали зикршуда ворид карда мешаванд. Ҷадвали мазкур ҳайати аҳолиро аз рӯи гурӯҳҳои синни солу ҷинс: кӯдакони то 1 сола, кӯдакони то 5 сола, кӯдакони аз 5 то 14 сола, аз 15 то 49 сола, аз 50 то 60 сола ва аз 60 сола болоро гурӯҳбандӣ менамоянд.

Ҷойи барои эзоҳ муайяншуда ба роҳбарони муассисаҳо барои қайд намудани хусисиятҳои махсуси аҳолӣ, масалан, гурӯҳҳои муҳоҷирон, ки дар қайди ҷамоатҳо нестанд, имкон медиҳад.

Нишон додани манба ва сифати маълумот зарур мебошад, зеро маълумотҳо дар байни манбаъҳо метавонад хеле фарқ кунанд (сатҳи ҷамоат ва муассиса). Ҳамчунин, бо якдигар мувофиқ будани маълумотҳои оид ба аҳолии дар ин ва дар дигар қисмҳо нишондодашудаи бизнес нақша дарҷ шудаанд, аз ҷумла оид ба буҷет, зарур мебошад.

Агар шакли электронии нусха истифода шавад, он гоҳ танҳо категорияҳои «мард» ва «зан» дар қисмати гурӯҳҳои гуногуни синну сол бояд пур карда шаванд, пас иттилоотро барномаи компютерӣ бо таври автоматӣ ҷамъоварӣ ва коркард менамояд.

Захираҳои инсонӣ

Қисмати мазкур маълумотҳоро дар хусуси ҳайати кормандони тиббие, ки дар муассисаҳои муайян кор мекунанд, аз ҷумла аз рӯи ихтисосашон, дар бар мегирад. Категорияҳо вобаста ба шумораи *муодилаи эквивалентии пурра* банд будани воҳидҳои кории расман дар муассисаи тиббӣ бақайд гирифташуда ва *шумораи воқеии муодилаи эквивалеитии воҳидҳои кории пурра бандбуда*, ки худ шумораи ҳақиқии манбаъҳои инсониро дар шакли муодилаҳои эквивалентии мавҷуда ва ба таври воҳидҳои пурраи корӣ дар муассисаҳо ба фаъолият машгулбударо инъикос менамояд, ба таври алоҳида гуруҳбандӣ карда мешаванд. Ин маълумотҳо бояд дар мӯҳлати ниҳоӣ, одатан дар охири моҳи январи сол, таҳия карда шаванд.

Маълумотҳо дар бораи шумораи умумии табибон, аз ҷумла табибони оилавии омӯзонидашуда, инчунин дар бораи кормандони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ, аз ҷумла оид ба оиди тибби оилавӣ омӯзонидашуда ва момодояҳо ҷамъоварӣ карда мешаванд. Дар ҳолати ҳам тахассуси расмии ҳамшираи тибби оилавӣ ва ҳам момодоягӣ доштани корманд тахассуси охир бояд интихоб карда шавад. Ин ба дастурамали миллӣ ва таҷриба оид ба муайян намудани кормандони штатӣ мутобиқат менамояд. Ҳамчунин дар сатҳи муассисаҳо маълумот оиди кормандони техникӣ (бо маълумоти техникӣ) ва дигар кормандони штатӣ (бе маълумоти тахассусӣ) лозим мебошад.

Баъдан дар ҳошияи (ҷойи) барои эзоҳ ҷудошуда, ба таври возеҳ дар хусуси мутахассисони дар сатҳи муассиса мавҷудбуда маълумот дарҷ карда мешавад. Ҳамчунин маълумотҳои муайян дар хусуси кормандони дорои маълумоти миёнаи тиббӣ (масалан: фелдшерҳо, ҳамшираҳо, момодояҳо ва гайра) бояд дарҷ карда шаванд. Дар ҳолате, ки аз давраҳои омӯзиши тибби оилавӣ гузаштани табибон дар назар дошта шуда бошад, вале онҳо то ҳанӯз шурӯъ нашуда бошанд, он низ бояд дарҷ карда шавад, аз ҷумла бо нишон додани шумораи табибоне, ки бояд бо омӯзиш фаро гирифта шаванд ва ба шарте, ки чунин маълумотҳо дастрас бошанд.

| Муассисаҳо | Шумораи умумии аҳоли | аз ҷумлаи онҳо | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | То 1 сола | | | 1 - 4 сола | | | 5 - 14 сола | | | 15 - 49 сола | | | 50 - 60 сола | | | аз 60 сола боло | | |
| | | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ |
| МСД | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| Ҳамагӣ | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |

Ҷадвали 1. Ҳайати аҳолӣ (холӣ)

| Муассисаҳо | Шумораи умумии аҳоли | аз ҷумлаи онҳо | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | То 1 сола | | | 1 - 4 сола | | | 5 - 14 сола | | | 15 - 49 сола | | | 50 - 60 сола | | | аз 60 сола боло | | |
| | | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ | м | з | ҳамагӣ |
| МСД Бобои Вали | 2970 | 35 | 28 | 63 | 143 | 149 | 292 | 301 | 302 | 603 | 905 | 776 | 1681 | 108 | 95 | 203 | 77 | 51 | 128 |
| БС Дашти марзо | 2726 | 58 | 48 | 106 | 217 | 181 | 398 | 66 | 333 | 399 | 724 | 616 | 1340 | 143 | 141 | 284 | 116 | 83 | 199 |
| БС Калъаи дашт | 1192 | 17 | 16 | 33 | 47 | 61 | 108 | 69 | 74 | 143 | 232 | 286 | 518 | 58 | 59 | 117 | 37 | 236 | 273 |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| БС | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - | | | - |
| Ҳамагӣ | 6888 | 110 | 92 | 202 | 407 | 391 | 798 | 436 | 709 | 1145 | 1861 | 1678 | 3539 | 309 | 295 | 604 | 230 | 370 | 600 |

Ҷадвали 2. Ҳайати аҳолӣ (намуна)

| Муассиса | Шумораи умумии табибон | | Аз онҳо: Табибони оилавӣ | | Шумораи умумии кормандони бо маълумоти миёнаи тиббӣ | | Аз онҳо: Хамшираҳои тибби оилавӣ | | Аз онҳо: Момодояҳои омӯзонидашуда | | Техникҳо | | Ҳайати дигар коркунон | | Ҳамаги | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра |
| **МСД** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **Ҳамагӣ** | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |

Ҷадвали 3. Захираҳои инсонӣ (холӣ)

| Муассиса | Шумораи умумии табибон | | Аз онҳо: Табибони оилавӣ | | Шумораи умумии кормандони бо маълумоти миёнаи тиббӣ | | Аз онҳо: Хамшираҳои тибби оилавӣ | | Аз онҳо: Момодояҳои омӯзонидашуда | | Техникҳо | | Ҳайати дигар коркунон | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра | Ставкаи пурра муқаррар шуда | Ҳолати ставкаи пурра |
| **МСД Бобои Валӣ** | 1,25 | 1,25 | 0,25 | 0,25 | 5,0 | 5,0 | 3,5 | 3,5 | 1,0 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 1,0 | 1,0 | **7,25** | **7,25** |
| **БС Дашти марзо** | | | | | 4,0 | 4,0 | 2,0 | 2,0 | 1,0 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 1,0 | 1,0 | **5,00** | **5,00** |
| **БС Қалъаи дашт** | | | | | 3,0 | 3,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,5 | 0,5 | **3,50** | **3,50** |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **БС** | | | | | | | | | | | | | | | - | - |
| **Ҳамагӣ** | **1,25** | **1,25** | **0,25** | **0,25** | **12,00** | **12,00** | **6,50** | **6,50** | **3,00** | **3,00** | **-** | **-** | **2,50** | **2,50** | **15,75** | **15,75** |

Ҷадвали 4. Захираҳои инсонӣ (намуна)

Бучет (тибқи методологияи пешинаи маблағгузории сарикасӣ)

Дар шакли мазкури бизнес нақша, буҷети умумии муассиса аз ду қисм иборат мебошад. Моддаҳои ҳимоякардашуда – «пардохти музди меҳнат» ва «ҳиссаҷудокунии иҷтимоии кордиҳанда» қисми буҷет барои ба таври сарикасӣ тақсимшаванда нестанд. Қисми дигари буҷет - қисми ҳимоянашуда ва барои ба таври сарикасӣ тақсим намудан таъиншуда мебошад. Буҷети маблаггузории сарикасии муассисаҳо мувофиқи шумораи сокинон муайян карда мешавад ва дар оянда муассисаҳо дар идора намудани ин маблагҳо бояд мустақилияти бештаре дошта бошанд. Буҷети сарикасии муассиса дар асоси меъёри ягонаи маблаггузории хароҷотҳои тағйирёбандаи дар сатҳи КАТС муайянкардашуда ва аз рӯи шумора, ҷинс ва синну соли чор гурӯҳи аҳолии минтақаи хизматрасонӣ тибқи коэффитсиентҳои ислоҳкунандаи ҷинсу синну соли муқаррар карда шуда, ҳисоб карда мешавад. Барои бештар ба роҳ мондани шаффофият дар шакли (намунаи) бизнес нақша формулаи ҳисобкунӣ инъикос карда шудааст. Ба ҳамин тариқ ҳисобкуниҳо ба таври автоматӣ ва дар асоси формулаҳои муҳофизатшуда ба роҳ монда мешаванд, вақте ки ҷадвали маълумот оид ба аҳолӣ пур карда мешавад, формулаи дар ҷадвал истифода шуда ҳисобро бо таври автоматӣ танзим менамояд.

| Муассисаҳо | Шумораи умумии аҳолӣ | Кӯдакони то синни 5 сола | Занҳои қобили таваллуд синни 15-49 сола | Аҳолии аз 60 сола боло | Гурӯҳҳои аҳолии боқимонда |
|---|---|---|---|---|---|
| МСД | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ | - | - | - | - | - |

Ҷадвали 5. Гурӯҳбандии аҳолӣ барои ислоҳ намудани мутобиқи коэффитсиентҳои сарикасӣ (холӣ)

| | Кӯдакони то синни 5 сола | Занҳои қобили таваллуд синни 15-49 сола | Аҳолии аз 60 сола боло | Гурӯҳҳои аҳолии боқимонда |
|---|---|---|---|---|
| Коэффитсентҳо | 2,1802 | 1,5421 | 0,9595 | 0,5233 |

Ҷадвали 6. Коэффитсиентҳои сарикасӣ (муқарраршуда)

| Муассисаҳо | Шумораи умумии аҳолӣ | Кӯдакони то синни 5 сола | Занҳои қобили таваллуд синни 15-49 сола | Аҳолии аз 60 сола боло | Гурӯҳҳои аҳолии боқимонда |
|---|---|---|---|---|---|
| МСД Бобои Вали | 2970 | 355 | 776 | 128 | 1711 |
| БС Дашти марзо | 2726 | 504 | 616 | 199 | 1407 |
| БС Калъаи дашт | 1192 | 141 | 286 | 273 | 492 |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ | 6888 | 1000 | 1678 | 600 | 3610 |

Ҷадвали **7.** Гурӯҳбандии аҳолӣ барои ислоҳ иамудаи тибқи коэффитсиентҳои сарикасӣ (намуна)

| Муассисаҳо | Шумораи умумии аҳолии мувофиқи коэффит сентхо ислоҳ карда шуда | Кӯдакони то синни 5 сола | Занҳои қобили таваллуд синни 15-49 сола | Аҳолии аз 60 сола боло | Гурӯҳҳои аҳолии боқимонда |
|---|---|---|---|---|---|
| МСД | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ | - | - | - | - | - |

Ҷадвали **8**. Аҳолӣ мутобиқи коэффитсиентҳои ислоҳшаванда (холӣ)

| Муассисаҳо | Шумораи умумии аҳолии мувофиқи коэффит сентхо ислоҳ карда шуда | Кӯдакони то синни 5 сола | Занҳои қобили таваллуд синни 15-49 сола | Аҳолии аз 60 сола боло | Гурӯҳҳои аҳолии боқимонда |
|---|---|---|---|---|---|
| МСД Бобои Вали | 2989 | 774 | 1197 | 123 | 895 |
| БС Дашти марзо | 2976 | 1099 | 950 | 191 | 736 |
| БС Калъаи дашт | 1268 | 307 | 441 | 262 | 257 |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| БС | - | - | - | - | - |
| Ҳамагӣ | 7233 | 2180 | 2588 | 576 | 1889 |

Ҷадвали 9. Аҳолӣ мутобиқи коэффитсиентҳои ислоҳкунанда (намуна)

Дар қисмати мазкур инчунин буҷети банақшагирифташуда пешниҳод карда шудааст, ки он ҷадвалро бо сатрҳои гуногуни буҷавии муассисаҳои алоҳида дарбар мегирад (МСД ва БС). То ин вақт буҷет қаблан дар сатҳи ноҳия муайян ва ҳисоб карда мешуд ва менеҷерони шабакаи муассисаҳои КАТС наметавонистанд онро мустақилона тағйир диҳанд. Вале дар оянда, муассисаҳо дар танзим ва хусусан иҷро намудани буҷети худ бояд мустақилияти бештаре дошта бошанд.

Эзоҳ оиди нусха: дар ҷадвали буҷет катакҳои «Буҷети умумии муассиса» ва «Буҷети сарикасии аҳолӣ» ҳимоякардашуда мебошанд ва худи ин катакчаҳо ба таври автоматӣ ҳисобро ба анҷом мерасонанд. *Сипас, маълумотҳо оиди аҳолӣ* бевосита аз ҷадвалҳои пешин ворид карда мешаванд. Дигар рақамҳо бошанд бояд дар шакли дастӣ ба ҷадвал ворид карда шаванд.

| Номи МСД ва БС-ии тобеъи он | Шумораи аҳоли тибқи коэффитсиентҳо ислоҳкардашуда | **Буҷети умумии муассиса** | Аз онҳо моддаҳои ҳимоя кардашуда | | **Ҳамаги моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет** | **Ҳамаги моддаҳои ҳимоянашудаи буҷет (буҷети сарикасӣ)** | 2211. Захираҳои моддию молӣ | 2213. Маводи сухт ва равғанҳои молиданӣ | 2214. Хароҷоти ҷорӣ ба ғайр аз таъмир | 2215. Таъмири ҷорӣ | 2216. Пардохти хизматрасонии мутахассисон | 2217. Пардохти хизматрасонии коммуналӣ | 2218. Пардохт барои хизматрасонии алоқа | 2219. Дигар молу хизматрасониҳои ба категорияҳои дигар мансубнашуда | 2814. Хариди мошинҳо ва таҷҳизот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | 2111. Музди меҳнат | 2121. Ҳисса ҷудокунии иҷтимоии корфармо | | | | | | | | | | | |
| **МСД** | | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | - | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | - | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | - | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | - | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| **Ба сарикасӣ** | | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - | - |
| ***Буҷети сарикасӣ барои хизматрасонии махсусгардонидашудаи дар сатҳи муассисаи КАТС*** | | | | | | | | | | | | | | | |
| ***Ба сарикасӣ*** | | | | | | - | | | | | | | | | |

Ҷадвали 10. Буҷет (холӣ)

| Номи МСД ва БС-ии тобеъи он | Шумораи аҳоли тибқи коэффитсиентҳо ислоҳкардашуда | **Буҷети умумии муассиса** | Аз онҳо моддаҳои ҳимоя кардашуда: 2111. Музди меҳнат | Аз онҳо моддаҳои ҳимоя кардашуда: 2121. Ҳисса ҷудокунии иҷтимоии корфармо | **Ҳамаги моддаҳои ҳимояшавандаи буҷет** | **Ҳамаги моддаҳои ҳимоянашудаи буҷет (буҷети сарикасӣ)** | 2211. Захираҳои моддию молӣ | 2213. Маводи сухт ва равғанҳои молиданӣ | 2214. Хароҷоти ҷорӣ ба ғайр аз таъмир | 2215. Таъмири ҷорӣ | 2216. Пардохти хизматрасонии мутахассисон | 2217. Пардохти хизматрасонии коммуналӣ | 2218. Пардохт барои хизматрасонии алоқа | 2219. Дигар молу хизматрасониҳои ба категорияҳои дигар мансубнашуда | 2814. Хариди мошинҳо ва таҷҳизот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **МСД Бобои Валӣ** | 2989 | **81578** | 54 173 | 13 543 | **67716** | **13862** | 2 380 | | 68 | 5 495 | 445 | 2 260 | 125 | 128 | 2 961 |
| **БС Дашти марзо** | 2976 | **74946** | 49 722 | 12 431 | **62153** | **12793** | 2 173 | | 62 | 5 043 | 450 | 2 115 | 115 | 117 | 2 718 |
| **БС Ҷалъаи дашт** | 1268 | **32768** | 21 742 | 5 436 | **27178** | **5590** | 963 | | 27 | 2 205 | 200 | 906 | 50 | 51 | 1 188 |
| **БС Очилди** | 1399 | **35983** | 23 894 | 5 974 | **29868** | **6115** | 1 048 | | 30 | 2 425 | 200 | 995 | 55 | 56 | 1 306 |
| **БС** | - | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | - | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | - | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **БС** | - | - | | | - | - | | | | | | | | | |
| **Ҳамагӣ** | **8 632** | **225 275** | **149 531** | **37 384** | **186 915** | **38 360** | **6 564** | **-** | **187** | **15 168** | **1 295** | **6 276** | **345** | **352** | **8 173** |
| **Ба сарикасӣ** | | 26,10 | 17,32 | 4,33 | 21,65 | 4,44 | 0,76 | - | 0,02 | 1,76 | 0,15 | 0,73 | 0,04 | 0,04 | 0,95 |
| ***Буҷети сарикасӣ барои хизматрасонии махсусгардонидаш удаи дар сатҳи муассисаи КАТС*** | | | | | | | | | | | | | | | |
| ***Ба сарикасӣ*** | | | | | | 0,00 | | | | | | | | | |

Ҷадвали 11. Буҷет (намуна)

## Буҷет (тибқи механизми нави маблағгузории сарикасии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ)

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 пай дар пай механизми нави маблағгузории сарикасии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитариро ҷорӣ намуда истодааст (фармоиши якҷояи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи ифтимоии аҳолӣ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли 2015, №№675 ва 231). Тартиби маблағгузории муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ дар асоси механизми сарикасӣ бо назардошти ҳамаи моддаҳои хароҷотӣ (ба истисноi хароҷотҳо барои сохтмони асосӣ) низ тасдиқ гаштааст.

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби маблағгузории меъёри тақсимоти маблағҳои буҷетӣ дар асоси принсипи маблағгузории сарикасӣ барои марказҳои саломатии деҳот (МСД) ва бунгоҳҳои саломатӣ (БС)-ро тасдиқ намудааст (фармоиш аз 27 январи соли 2016, №40/1). Дар назар дошта шудааст, ки дар давоми солҳои наздик механизми мазкур дар ҳама ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷорӣ карда мешавад.

Мувофиқи ин, ноҳияҳое, ки буҷеташон дар мутобиқа бо ин механизми нави маблағгузории сарикасӣ таҳия карда мешавад, бояд Ҷадвали “3б – Буҷет (тибқи механизми нави маблағгузории сарикасӣ)”-ро истифода баранд ва ҶадвалЬ “3а – Буҷет (тибқи механизми пешинаи маблағгузории сарикасӣ)”-ро пур накунанд. Ҷадвали 12 меъёрҳои сарикасии тавсияшудаіро пешниҳод мекунад, ки онҳо ҳар сол тағйир меёбанд.

| Коэффитсиентҳо | МСД | БС |
|---|---|---|
| Меъёри минималии сарикасӣ | 32,57 | 21,42 |
| Меъёри музди меҳнати кормандони тибби МСД, ки ба аҳолии БС хизмат мерасонад | 17,17 | n/a |
| Меъёри музди маош ва пардохтҳои андоз | 31,18 | 19,89 |
| Меъёр аз рӯи дигар хароҷотҳо | 1,40 | 1,53 |

Ҷадвали 12. Ҳаҷми меъёрҳои тавсияшаванда барои МСД ва БС

Пас аз он меъёрҳои тавсияшуда ба шумораи аҳолии вобасташуда ба таври автоматикӣ зарб карда мешавад. Буҷет ба таври автоматикӣ, аз рӯи формулаҳои нави маблағгузории сарикасии шабакаи муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ муқарар шуда, ҳисоб карда мешавад (ҷадвалҳои 13 ва 14).

| Муассисаҳо | Шумораи умумии аҳолӣ | Буҷети умумӣ | Аз он ҷумла | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Музди маош ва пардохтҳои андози иҷтимоӣ | Хароҷотҳои дигар |
| МСД | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | - | **0** | **0** | **0** |

Ҷадвали 13. Буҷет тибқи механизми нави маблағгузории сарикасӣ (холӣ)

| Муассисаҳо | Шумораи умумии аҳолӣ | Буҷети умумӣ | Аз он ҷумла | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Музди маош ва пардохтҳои андози иҷтимоӣ | Хароҷотҳои дигар |
| МСД Узун | **3839** | 125 036 | 119 700 | 5 375 |
| БС Ҷавонон | **2303** | 49 330 | 45 807 | 3 524 |
| БС Зарнисор | **1224** | 26 218 | 24 345 | 1 873 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| БС | - | 0 | 0 | 0 |
| **Ҳамагӣ** | - | **200 585** | **189 852** | **10 771** |

Ҷадвали 14. Буҷет тибқи механизми нави маблағгузории сарикасӣ (намуна)

## Ҳадафҳои асосӣ ва амалиётҳо

Ҳар як муассиса бояд дар маҷмӯъ чор ҳадафро барои соли дар пеш истода интихоб намояд, аз онҳо ду ҳадаф оид ба ҷанбаи «Дастрасӣ ва пешкаши хизматрасониҳо» ва ду ҳадафи дигар оид ба ҷанбаи «Сифат ва маълумотнокӣ дар бораи хизматрасониҳо». Ҳадафҳо бояд воқеӣ бошанд ва таваҷҷӯҳи бештар ба масъалаҳои сифат дода шавад. Дар амал сардухтурони МСД бо иштироки тамоми кормандони муассиса ва намояндагони гурӯҳҳои ҷомеавии саломатӣ ҳадафҳои аз ҳама муҳимтарро интихоб намоянд. Маълумот оиди ҷаласа дар шакли протокол сабт карда мешавад. Ҳадафҳои асосии барои МСД ва БС интихобшуда, қисми асосии ҷараёни бизнес нақшагириро ташкил менамоянд, зеро онҳо имрӯз ягона ҷузъҳои воқеии банақшагирии стратегӣ ба ҳисоб мераванд.

Ҳадафҳо бояд мушаххас таҳия ва интихоб карда шуда, воқеӣ бошанд, то ин ки дар тамоми ҳолатҳо ноилшавӣ ба онҳо имконпазир бошад. Ба роҳбарони муассиса лозим меояд, ки оид ба ҷараён ва иқдомҳое, ки бояд барои ба ҳадафҳо расидан амалӣ шаванд, андеша намоянд. Баъд аз он, натиҷаҳои пешбинишаванда бояд муайян карда шаванд. Онҳо вобаста ба ҳадафҳои ниҳоии муассиса, дар маҷмӯъ бояд ба беҳтаршавии умумии натиҷаҳои фаъолият нигаронида шаванд.

Ҳадафҳои асосӣ аз чунин қисматҳо иборатанд:

- Ҳадафҳо: тасвияи аниқу мухтасари ҳадаф.
- Амалиёт: амалиёте, ки муассиса барои расидан ба он ҳадафи банақшагирифташуда, амалӣ менамояд, он бояд зинаҳои асосиеро дарбар гирад, ки барои расидан ба ҳадафҳо амалӣ карда мешавад.
- Натиҷаҳои пешбинишаванда: иборат мебошанд аз тағйиротҳои пешбинишавандае, ки ҳангоми иҷрои амалиётҳо ва мушоҳидаҳои пешбинишаванда дар натиҷаи расидан ба ҳадафҳо ба даст хоҳад омад.

Роҳбарони муассисаҳо бояд раванди иҷроиши амалиётеро, ки муайян карда шудааст, мушоҳида намоянд ва ба таври мунтазам пешравиҳоро дар самти ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда арзёбӣ ва баҳогузорӣ намоянд. Дар сурати иҷро нашудан ва ё қисман иҷро гаштани ҳадафҳо, бояд сабабҳои он пурра ва ҳамаҷониба таҳлил гардида, натиҷаҳои он ба раванду ҷараёни банақшагирии навбатӣ бояд дохил карда шаванд.

Ноком шудан – ин мушкилот нест, ба шарте, ки агар ба мақсади дубора такрор нашудани чунин хатогиҳо, сабабҳои онҳо таҳлил ва баррасӣ карда шаванд.

| Дастрасӣ ва шароитҳои хизматрасонӣ | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | | | |
| 2 | | | |
| **Сифат ва маълумотнокӣ (бохабарӣ) оиди хизматрасониҳо** | | | |
| 3 | | | |
| 4 | | | |

**Намояндаҳои дастаи ҷомеавии саломатии зерин, дар таҳияи ҳадафҳо ва амалиётҳои дар боло зикргардида ҷалб карда шудаанд**

| Ному насаб | Рақами телефон | Номи дастаи ҷомеавии саломатӣ | Таърих |
